Тақриз

ба автореферати диссертатсияи Субҳонзода Икром Субҳон дар мавзуи "Самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди муосири Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисоди аз рӯи ихтисоси 5.2.- Иқтисодиёт (5.2.13.- Иқтисодиёти соҳибкорӣ)

Яке аз масъалаҳои муҳиме, ки дар иқтисодиёти имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳим арзёбӣ мегардад, ин рушди соҳибкории истеҳсолӣ мебошад. Соҳибкории истеҳсолӣ асоси моддии ташаккули иқтисоди миллиро таъмин намуда, воситаи муҳими истифодаи самараноки захираҳои истеҳсолӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва дар ин замина баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум мебошад. Дар баробари ин соҳибкории истеҳсолӣ имкон медиҳад, ки вобастагии бозори дохилӣ аз воридоти молҳо коҳиш ёфта, суръати ҷорисозии навовариҳо тез гардида, рақобатпазирии иқтисоди миллӣ афзоиш ёфта, дар натиҷа бехатарии иқтисоди миллӣ таъмин карда шавад.

Таҳқиқотҳои илмӣ, инчунин таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки новобаста аз ташаккули заминаҳои меъёрии институтсионалӣ ва дастгирии ҳамаҷонибаи соҳибкорони истеҳсолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳануз ҳам иқтидори рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар ҳама бахшҳои иқтисодӣ пурра истифода намегарданд ва ҳануз ҳам суръати ҷорисозии навовариҳои техникӣ дар корхонаҳои истеҳсолӣ на онқадар баланд буда, бозори дохилии кишвар аз молҳои воридотӣ вобаст аст. Чунин раванд гирифтани рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар кишвар аз он далолат менамояд, ки коркардҳои назариявию методологӣ ва дар ин замина пешниҳодҳои методии мавҷуда, барои бартараф кардани омилҳои таъсиррасон кифоягӣ намекунад ва таҳқиқоти комплексӣ дар ин самт бояд ба анҷом расонида шавад, ки фарогири рафтори соҳиборон дар шароити рушди ҷаҳонишавӣ ва иқтисоди трансформатсиониро дар

бар гирад. Аз ин нуқтаи назар метавон тазаккур дод, ки диссертатсияи доктории Субҳонзода И.С. актуалӣ, рузмарра ва саривақтӣ мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки дар автореферати диссертатсия докторант ба яке аз масъалаҳои муҳими илмӣ-методологӣ муайян намудани афзалиятҳои соҳибкории истеҳсолӣ таваҷҷуҳ намуда, бо истифода аз равияи интситутсионалистӣ қайд менамояд, ки соҳибкории истеҳсоли «нуқтаи институтсионалии рушд»-и иқтисоди миллӣ аст ва барои фаъолияти иқтисоди бозории самаранок ва ҳамаҷониба инкишофёфта маҳз рушди ин шакли соҳибкорӣ зарур аст. Бо истифода аз назарияҳои мавҷудаи илми иқтисод дар самти рушди соҳибкорӣ, инчунин раванди ҷаҳонии рушди соҳибкорӣ муаллиф афзалиятҳои рушди соҳибкории истеҳсолиро дуруст ва илман асоснок қайд менамояд, ки дар шароити номуайянии дар бозор мавҷудбуда ва ташаккули рақобати байналхалқӣ, афзалиятҳои рушди соҳибкории истеҳсолӣ маҳз афзалиятҳое ташкил медиҳанд, ки дар барнома ва стартегияю консепсияҳо оварда шудаанд. Аз ин рӯ, дуршавӣ аз ин афзалиятҳо масъалаи муҳим буда, зарур аст бобати наздиккунӣ ва ба ин масири лозима ворид кардани рафтори соҳибкорон бояд чораҷӯӣ намуд. Рафтори дуршавиро «рафтори девиантӣ»-и соҳибкорони истеҳсолӣ арзёбӣ намуда, муаллиф пешниҳод менамояд, ки бо воситаи чорабиниҳои давлатӣ ва ҳукуматӣ, механизмҳои бозории ҳавасмандагардонӣ он бояд муайян карда шаванд. Бояд қайд намуд, ки равиши таҳқиқотии муаллиф вобаста ба консепсияи «рафтори девиантӣ»-и соҳибкорони истеҳсолӣ сарҳади илми назарияи соҳибкориро васеъ менамояд. Яъне, дар баробари рафтори ратсионалӣ, ҷамъиятӣ, иқтисоди бозорӣ, иҷтимоӣ, намоишдиҳӣ, рафтори девиантӣ дар назарияи соҳибкорӣ пешниҳод гаштааст, ки қобили таваҷҷуҳи хоса мебошад.

Барои беҳтар гаштани мазмун ва мундариҷаи рисолаи докторӣ пешниҳод мегардад, ки:

1. Дар авторефеарти диссертатсия «рафтори девиантӣ»-и соҳибкории истеҳсолӣ дар корхонаҳои саноатӣ хуб баррасӣ гашта, чорабиниҳои институтсионалӣ ва механизмҳои бозории бартарф кардани онҳо ба таври комил оварда шудааст. Сифати кори илмӣ боз ҳам хубар мегашт агар, ки дар он вобаста ба «рафтори девиантӣ»-и соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи кишоварзӣ низ маълумоти бештаре оварда мешуд.

Бояд қайд намуд, ки пешниҳоди додашуда хусусияти тавсиявӣ дошта, бе ҳеҷ вақҳ арзиши илмии диссертатсияро паст намекунанд ва диссертатсия дар сатҳи баланди илмию методологӣ ва консептуалӣ навишта шуда, кори анҷомёфта мебошад.

Хулоса, диссертатсияи Субҳонзода Икром Субҳон дар мавзуи “Самтҳои афзалиятноки рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар иқтисоди муосири Тоҷикистон” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 5.2.- Иқтисодиёт (5.2.13.- Иқтисодиёти соҳибкорӣ) ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ мебошад.

Тақриздиҳанда:
Мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ
ва иқтисодиёти рушди ДТТ **д.и.и., профессор Усманова Т.Ҷ.**

Суроға: Донишгоҳи технологии Тоҷикистон
ш. Душанбе, к. Н. Қарабоев 63/3
Тел. +992(37)234-79-87
E-mail. rektorat-tut@mail.ru
Сайт: www.tut.tj.

Имзои д.и.и, профессор Усманова Т.Ҷ.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳо, коргузорӣ ва назорати
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон **Абдуназаров А.Ҷ.**